# ТАҚРИЗИ

**муқарризи аввал ба рисолаи номзадии Тӯраева Гулорохон Бурхоновна дар мавзӯи «Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи араб ва юнонӣ**

Адабиёти арабизабони форсу тоҷик, ки зуҳураш ба даврони истилои араб бармегардад, як бахши умдаи адабиёти миллии мо ба шумор меравад, зеро ин адабиёт, аввалан, аз ҷониби ниёгони тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон эҷод шудааст, сониян, бо вуҷуди ба забони ғайр, яъне арабӣ таълиф шудани ин адабиёт офаринандагони он кӯшиш намудаанд, ки аслу ҷавҳари фарҳангу ҷаҳоншиносии ақвоми эронитаборро дар батни таълифоти хеш ҷой диҳанд. Ҳамзамон, шоирону адибони арабизабони ориёитабор дар мазмуну мундариҷаи асарҳои манзуму мансури хеш ҳамбастагиву робитаи дуҷонибаи адабиёти халқҳои форсизабону арабизабонро ба ҷилва овардаанд.

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик дар ҷодаи тадқиқу шинохти адабиёти арабизабони форсу тоҷик ду равиши илмӣ бештар роиҷ гардидааст: якум, тадқиқи давраҳои муайяни адабиёти арабизабон; дуюм, таҳқиқи мероси маънавии як суханвар ва дар заминаи он мавриди пажӯҳиш қарор додани паҳлӯҳои мухталифи адабиёти арабизабон. Аз таҳқиқоти донишмандони тоҷик метавон дарёфт, ки дар адабиёти арабизабони форсу тоҷик чеҳраҳои адабие арзи ҳастӣ кардаанд, ки бидуни омӯзиши ҳаматарафаи осори онҳо тадқиқи фарогири давраҳои гуногуни таърихи адабиёт нокомил хоҳад буд.

Мисоли равшани ин гуфтаҳо осори арзишманду гаронмояи муншии номдор, нависандаи соҳибқалам, шоири мумтоз, олими забардасти илми кимиё, нигорандаву вусъатбахшандаи фанни номанигорӣ, ходими сиёсиву давлатии аҳди Салҷуқиён Абӯисмоил Ҳусайн ибни Алӣ ибни Муҳаммади Исфаҳонии машҳур ба Туғроӣ мебошад, ки бо баррасиву пажӯҳиши амиқи

он чанд масъалаи меҳварии адабиёти арабизабони замони зиндагии ӯ ва анъанаву навовариҳои минбаъдаи адабӣ равшантар мегардад.

Аз ин ҷо, мавзуи рисолаи номзадии Тӯраева Г.Б. қарор гирифтани таҳқиқи эҷодиёти Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII қобили дастгирист ва иқдоми муҳим дар таҳқиқи адабиёти арабизабони форсу тоҷик маҳсуб мешавад. Аҳамият ва навгонии илмии рисола дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи он Тӯраева Гулорохон тавонистааст тадқиқи ҷанбаҳои бунёдии осори Туғроии Исфаҳониро дар заминаи қиёсу муқобала бо дигар сарчашмаҳои дастиаввали адабиёти арабизабони форсу тоҷик, осори таърихӣ ва рисолаҳои адабпажӯҳии гузаштаву имрӯза ба субут расонад ва бо ҷуръати том ба боз кардани нуктаҳои барои илми муосири тоҷик номакшуф тавфиқ ёбад.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ фарогири муқаддима, се боб, даҳ фасл, ҳафт зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мебошад.

Дар қисмати оғозини рисола Тӯраева Гулорохон нуктаҳои асосии таҳқиқоти хеш, монанди мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, навовариҳои илмӣ, сарчашмаҳову равиши кор, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда ва маълумоти дигари марбут ба меъёрҳои сохтории диссертатсияро тибқи талабот шарҳу тавзеҳ дода, доираи масъалаҳои баҳсталаби мавзуъро мушаххасу мудаллал нишон медиҳад ва доир ба шинохти ҷойгоҳи Туғроии Исфаҳонӣ дар густураи адабиёти арабизабони форсу тоҷик огоҳона изҳори назар менамояд.

Боби якуми рисола «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Туғроии Исфаҳонӣ» унвон гирифта, муаллиф дар маҳдудаи чор фасл ва ду зерфасли ин боб бо такя ба ахбори манобеи адабиву таърихӣ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои пайдоиш, ташаккулу такомули ойину суннатҳои давлатдории сулолаи Салҷуқиёнро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, то тарҷумаи ҳоли Туғроии Исфаҳонӣ, фаъолияти ӯ дар дастгоҳи давлати Салҷуқиён, иртиботи вай бо Масъуди Салҷуқӣ ва натиҷаи муносибатҳои онон дар

қаринаи авзои сиёсиву фарҳангии садаҳои XI-XII ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Дар ин боб муаллиф ҳамчунин барои таъйини ҷойгоҳи ҳунарии Туғрой дар ҳаёти адабиву фарҳангии давр кӯшида, ин корро бо такя ба назари донишмандони гузаштаву муосир ва зимни баррасии таълифоти адабиву бадеӣ ва илмиву фарҳангии ин адибу олими тавоно анҷом додааст. Дар ин росто, муаллиф мундариҷаи беш аз понздаҳ рисолаву қасидаҳои дар хусуси илмӣ кимиё навиштаи Туғрой, таркиби девони ашъори шоир, мазмуни номаҳо, моҳияти ахбори сарчашмаҳо дар хусуси мухтавои мероси маънавии суханварро мавриди пажӯҳиши амиқ қарор додааст. Чунин назари фарогир ба фаъолияти шахсияти мавриди таҳқиқ ба диссертант имкон додааст, ки Туғроии Исфаҳониро барои аҳли тадқиқ ҳамчун шоири бузурги арабизабони огоҳ аз суннатҳои шеъри Арабу Аҷам, котибу муншии дар илми иншо ва китобат забардаст, донишманди тавонои улуми дақиқ, олими фиқҳу ҳадис ва яке аз давлатмардони бонуфузи дарбори Салҷуқиён муаррифӣ намояд ва ба ин васила равзанаҳои тозаеро дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Туғрой дар адабиётшиносии муосири тоҷик ва филологияи араб боз кунад.

Дар фаслу зерфаслҳои боби дуюми рисола, ки «Девони ашъори Туғроии Исфаҳонӣ ва арзиши адабии он» номгузорӣ шудааст, арзиши адабиву бадеии девони ашъори шоир, нусхаҳои хаттии бозмонда ва нашрҳои он омӯхта шудаанд. Асноди илмие, ки унвонҷӯ аз матну батни осори адабиву таърихӣ доир ба девони Туғрой ва шуҳрату овозаи шеъри ӯ ба даст оварда ва онҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст, собит мекунанд, ки шеъри Туғрой дар тӯли асрҳо мавриди истиқболи шоирон қарор гирифта ва сухансанҷон ашъори ӯро ба унвони масали аълои шеърсарой пайваста дар осори худ иқтибос ва таъкид кардаанд.

Нубуғу истеъдоди Туғрой дар шеъри ӯ дар тахайюлоти рангин, баёноти латиф, сабки шево, вазну қофияҳои дилписанд ва, дар маҷмӯъ, дар ҳунари волои ин шоири тавоно ба зуҳур омадааст. Табиист, ки масъалаҳои

мазкур мавриди таваччухи диссертант дар ин боб қарор гирифта, дар сатҳи шоиста тадқиқ шудаанд.

Шуҳрати беназири Туғроии Исфаҳонӣ дар таърихи шеъри Арабу Ачам ба қасидаи ғаррои «Ломият-ул-Ачам»-и ӯ пайванд мегирад. Бинобар ин, унвончӯ дар қисмати бештари боби дуюм доир ба таърихи зуҳуру рушди ломиясароӣ дар адабиёти араб андеша ронда, ба ин васила ба заминаҳои зуҳури «Ломият-ул-Ачам»-и Туғроии Исфаҳонӣ равшанӣ андохтааст. Кӯшиши диссертант доир ба таҳқиқи равиши эчоди қасидаи маъруфи Туғроӣ, аҳамияти адабиву илмии шарҳҳои ба он навишташуда, таърихи омӯзиши шеъри мазкур, таъсири қасидаи мазкур ва ашъори дигари суханвар ба эчодиёти шоирони баъд аз ӯ муваффақона анчом пазируфта, ҳосили он таъйини арзиши ин қасида ва чойгоҳи он на танҳо дар эчодиёти Туғроӣ, балки дар таърихи қасидасароии Арабу Ачам аст.

Аз дастовардҳои муаллифи рисола дар ин боб он аст, ки ӯ бо истинод ба маълумоти манобеи гузаштаву таҳқиқоти муосир панч равиши ташреҳу тавзеҳи «Ломият-ул-Ачам»-ро муайян кардааст. Мурури диссертант ба таърихи омӯзиши қасидаи мазкур дар адабиётшиносии олам вусъати чустучӯҳои илмӣ ва огоҳии комили ӯро аз чузъиёту тафсилоти мавзӯи рисола ба субут мерасонад.

Дар меҳвари боби сеюми рисола, ки «Мавзӯоти шеърӣ, ҳунари шоирӣ ва таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар эчодиёти Туғроии Исфаҳонӣ» унвонгузорӣ шудааст, таҳқиқи чанбаҳои поэтикии ашъори Туғроии Исфаҳонӣ қарор дорад. Вобаста ба ин муаллиф фасли аввали ин бобро ба пажӯҳиши мавзӯоти ашъори девони Туғроӣ тахсис дода, муайян кардааст, ки мадҳ, фахр, ғазал, марсия, ҳичо, васф ва панд аз мавзӯоти асосии эчодиёти шоир мебошанд. Дар заминаи баррасии ашъори Туғроӣ ва зикри намунаҳои қолиби шеърӣ муаллиф ба исбот расонидааст, ки шоир дар васф қудрату ҳунармандии хос зоҳир намуда, истеъдоди нотакрораш ӯро ҳамчун вассофи табиат машҳур кардааст. Шоирони арабизабони эронитабор, ки маъмулан зодаву парвардаи муҳити эронӣ

буданд, дар ашъори арабизабони худ худ бештар ба тавсифи табиати зебои диёри худ пардохтаанд, вале дар ин ҷода ба шуарои қадими араб пайравӣ кардаанд. Муаллифи рисола барҳақ таъкид кардааст, ки Туғроӣ низ дар муҳити форсизабон умр ба сар бурдааст, вале дар васфҳои худ ба мазмун ва оҳангҳои шуарои қадими араб рӯй овардааст. Лозим ба таъкид аст, ки пайравӣ ба суннатҳои шеъри давраи ҷоҳилия аз қавонин ва муқтазоёти шеъри арабизабон маҳсуб мешавад ва Туғроӣ бо ин кори худ огоҳии комили худро аз суннатҳои шеъри арабӣ ба намоиш гузоштааст.

Зимни таҳқиқи мавзӯоти шеъри Туғроӣ муаллифи рисола кӯшиш кардааст, ки саҳми шоирро дар таҳаввули мавзӯоти суннатии шеъри арабизабон баррасӣ ва навгониҳои ӯро дар ин росто муайян намояд. Аз ҷумла, муаллиф бо таҳқиқи марсияҳои ба ҳамсараш бахшидаи Туғроӣ таъкид мекунад, ки рисои завҷа дар миёни шуарои пешини араб ба таври умум расм набуда, танҳо шоири давраи умавӣ Ҷарир чанд байтро зимни як қасидаи худ ба рисои завҷааш бахшида будааст. Аз таҳқиқи муаллифи диссертатсия бармеояд, ки Туғроӣ бо марсияҳои худ, ки мазҳари сӯзу гудоз ва андӯҳи гаронаш аз даргузашти ҳамсараш мебошанд, доираи мавзӯъ ва мазмунҳои рисои арабизабонро тавсиа бахшидааст ва нубуғи шоирии худро дар шеъри рисоии арабизабон таъйид кардааст.

Маҳорату истеъдоди шоирии Туғроӣ дар тарзу шеваҳои корбасти саноеи мухталифи бадеӣ дар шеъри ӯ ба таври бориз зоҳир шудааст. Бино бар ин, муаллиф як фасли алоҳидаи боби сеюми рисоларо ба таҳқиқи паҳлуи мазкури ашъори Туғроӣ бахшида, бо зикри мисолҳо истеъдоди балоғии шоирро дар корбасти ташбеҳ, истиора, тазод, таҷнис, тазмин, талмеҳ, ирсоли масал ва дигар анвои санъати сухан ба субут расонидааст. Туғроӣ на танҳо шоири санъатгаро будааст, балки дар офаридани маонии бадеъ аз имконоти забони арабӣ низ моҳирона истифода кардааст. Диссертант дар рисола намунаҳои писандидаи калимасозӣ ва таъбирофаринии Туғроиро чун бозтоби лутфи сухан ва узубати баёни

шоир таъкид кардааст ва дар маҷмӯъ дар таҳқиқи ҷанбаҳои бадеии назми шоири мазкур ба тавфиқ даст ёфтааст.

Яке аз муҳимтарин масоиле, ки донишмандон зимни таҳқиқи осори шоирони арабизабони эронитабор бо он мувоҷеҳ мешаванд, ин масъалаи таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти онҳо мебошад, зеро офаридаҳои чунин шоирон ва нависандагон қоидатан аз ду сарчашма – суннатҳои забон ва адабиёти модарии худ ва адабиёти араб шодоб гардидаанд. Диссертант Тӯраева Гулорохон низ дар фасли ниҳоии боби сеюми кори худ бозтоби суннатҳои адабиёти форсу тоҷик ва арабро дар ашъори Туғроии Исфаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, дар заминаи ташхиси сарчашмаҳои афкори бадеии Туғроии Исфаҳонӣ ба хулосаи мудаллал меояд, ки шоир аз аносири адабу фарҳанги Арабу Аҷам огоҳии комил доштааст ва имтизоҷи ин аносир мушаххасот ва вижагии осорашро фароҳам овардааст. Диссертант намунаҳои ашъори Туғроиро ба доираи муқобалаву муқоиса бо ашъори шуарои араб ва осори тоисломии эронӣ кашида, муқаррар намудааст, ки шоир дар ашъори худ аз маонӣ ва мазомини шеъри шоирони аҳди ҷоҳилӣ Шанфара, Имрулқайс, суханварони даврони Аббосиён, мисли Абдуллоҳ ибни Муътазз, Ибни Ҳонӣ, Бухтурӣ, Мутанаббӣ, Шарифи Разӣ, Абулалои Маарри ва дигарон истиқбол карда бошад, дар баробари ин аз достонҳои қадими эронӣ ва қиссаҳои асли ҳиндиву эронӣ дошта, чун «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва дигар асарҳо суди фаровон бардоштааст.

Хулосаи умумии рисола низ ба ҳамон равиши муҳаққиқонае, ки дар саросари тадқиқот ба мушоҳида мерасад, навишта шуда, зубдаи андешаҳои муаллифи рисоларо фарогир аст.

Рисола бо сабки муҳаққиқона, риояи меёрҳои баҳси илмӣ, истиқлоли назари муаллиф, корбурди саҳеҳи сарчашмаҳои илмиву адабӣ навишта шуда, аз анҷом ёфтани як мавзӯи тадқиқотӣ дар адабиётшиносии тоҷик башорат медиҳад.

Диссертант муваффақ гардидааст, ки рӯзгори Туғроии Исфаҳониро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, сабки таълиф, сарчашмаҳо, арзиши адабиву бадеӣ, хусусиятҳои мундариҷа, забони баён, ҷойгоҳи девон, қасидаи «Ломият-ул-Аҷам», осори дар хусуси илми кимиё навишташуда, номаҳои адибро дар қаламрави адабиёти арабизабони форсу тоҷик таъйину таъйид созад. Инчунин муаллиф мавзӯоти ашъор, нусхашиносии китобҳо ва баҳсу гуногунандешиҳои аҳли таҳқиқи гузаштаву имрӯзро нисбат ба шахсияту ҳайсияти Туғроии Исфаҳонӣ ба ваҷҳи аҳсан тавзеҳу ташреҳ дода, ниҳоят хулосаи зарурии илмии хешро манзури донишмандони соҳа гардонидааст.

Дар канори дастовардҳо дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳад буд:

1. Дар рисола на дар ҳама ҷо тарҷумаи мутуни арабӣ ба забони тоҷикӣ муайяну мушаххас сурат гирифтааст. Гоҳо забони тарҷумаҳо мавҳуму печида буда, хонандаро аз асли матлаби шоир дур месозанд. Мисол: «Чуноне ки муқаллиди вилоят бо дидани номае, ки волӣ гардидани ӯро собит менамояд, аз хурсандӣ мутамоил мешавад» (саҳ.59), «Бо сарватмандии сустфаҳм ва бо заковатмандии фақир рӯ ба рӯ шавам» (саҳ.68), «Эй дил ту куҷову ишқ куҷост, пас аз оне ки фаромӯш намудан хуш гардиду ошиқон ба кӯтоҳӣ даст заданд» (саҳ.78).

2. Хулосаҳои муаллиф аз тадқиқи паҳлӯҳои адабию бадеии қасидаи «Ломият-ул-Аҷам» қобили таҳсин аст, вале агар баҳси таъсири ин қасида ба эҷодиёти шоирони форсу тоҷик ба тафсили бештар сурат мегирифт, он метавонист ба таърихи равобити адабии Арабу Аҷам асноди ҷолиб илова кунад.

3. Дар баъзе сафҳаҳои рисола овардани иқтибосот аз сарчашмаҳои илмиву адабӣ зиёд ба назар мерасад (саҳ.11, 25, 27, 28, 30, 53, 54 ва ғайра).

4. Дар рисола номи баъзе аз адибон ва донишмандон дар шакли хато зикр шудааст, чунончи шакли дурусти «Кухҳола Умар Ризо» «Каҳҳола Умар Ризо» ва шакли саҳеҳи «Хонбобо Машор» «Хонбобо Мушор» аст.

5. Муаллифи рисола таҳқиқоти худро аз рӯи тарҳи ҷолиб ба анҷом расонидааст, вале тақсими се боби рисола ба ҳабдаҳ фаслу зерфасл, ки барои рисолаи номзадӣ хеле зиёд ба назар мерасад, то андозае тамаркуз ва таносуби мавзӯоти рисоларо халалдор кардааст. Имкон дошт, ки баъзе аз фаслу зерфаслҳоро ба ҳам муттаҳид кард.

6. Дар рисола хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ. 13, 17, 28, ٣٧, 55, 62, 79, 109 ва ғайра) дида мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни рисоларо коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо низ вақти зиёд тақозо намекунад.

Фишурда ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи диссертатсионии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна ба талаботи меъёрҳои барои таълифи рисолаҳои номзадӣ муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ** **Зоҳидӣ Низомиддин Шамсиддинзода, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Сафири фавкулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии исломии Эрон**

**Имзои Н.Ш.Зоҳидиро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳои**
**Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**А. Ибодзода**

12 08 2021

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Шероз,33
www.mfa.tj
E-mail: znsh_57@mail.ru
Тел: +992 93 508 44 11